«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғода
Раҷабзода М. ______________
«27» феврали 2020 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.05 - Психологияи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст.**

1. **Мубрамияти мавзӯи тадқиқот.**

Диссертатсияи номзадии мазкур, ба таҳқиқи «Проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» бахшида шудааст. Оила қисми таркибии ҷамъияти инсонӣ мебошад ва маҳз дар оила заминаи асоси ва мустаҳками ташаккулёбии шахсият гузошта мешавад. Ташкил ва таърихи ба вуҷуд омадани оила, бурдбориҳо, мушкилотҳои психологӣ дар заминаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ба системаи муносибатҳо дохил шудани аъзоёни он ҳамчун проблема аз тарафи олимони соҳаҳои гуногун зери таҳқиқ қарор гирифта шудааст. То имрӯз аксарият масъалаҳо дар омӯзиш ҳалли худро ёфтаанд, аммо қисми зиёди масъалаҳои бо оила алоқаманд буда то ҳол таҳқиқ шуда истодаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи проблемаҳои оила ва системаи муносибатҳои оилавӣ, барои ошкор намудани мушкилотҳои дохилии аъзоёни оила аҳамияти ниҳоят муҳимро дорад.

Диссертант **Сафарова** З. мавзӯи барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон ниҳоят мубрамро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки бо мушкилоти дигари доғи рӯз, аниқтараш зиёд гардидани пошхӯрии оилаҳо алоқамандӣ дорад. Масъалае, ки диссертант тадқиқ менамояд ба проблемаҳои системаи

Масъалае, ки диссертант тадқиқ менамояд ба проблемаҳои системаи муносибатҳои кӯдакон дар оилаҳои нопурра бахшида шуда, хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдакро ҳангоми ба зиммаи яке аз волидон афтодани тарбияи фарзандон таҳлил мекунад.

Дар рисола, диссертант зимни баррасии масъалаи оилаҳои нопурра маводи бузурги назариявиро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиони зиёди ватанию хориҷӣ хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдаконро дар шароити оилаи нопурраи тоҷик муайян кардааст, ки ин дар қисми назариявии кор равшан намудор мегардад.Дар мазмуни қисми назариявии кор фикри шахсии муҳаққиқ назаррас аст, ки ин аз ворид шудани ӯ ба моҳияти аслии масъала кӯшиши дарёфти роҳҳои ҳалли он далолат менамояд.

Зимни омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи З.Р.Сафарова муайян карда шуд, ки ӯ мақсаде, ки дар назди худ гузошта буд аз ҷиҳати илмӣ ба ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣро тадқиқ намуда, нақши оиларо дар тараққиёти шахсияти кӯдакон, сабабҳои пошхӯрии оила ва мушкилотҳои системаи муносибат вуҷуд доштаро шарҳ додааст.

Дар диссертатсия доир ба хусусиятҳои психологии тараққиёти шахсияти кӯдакони синни томактабӣ маълумот дода, доир ба раванди ташакулёбии кӯдакон, худбаҳодиҳи ва худшиносии онҳо дар системаи муайяни муносибатҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ӯ дар бораи пошхӯри оилаҳо ва таъсири психологӣ расонидан ба кӯдакони синни томактабӣ дуруст қайд кардааст.Ба андешаи ӯ дар оилаҳои ҷудошуда бинобар хоҳиши якҷо зиндагӣ кардан нахостани волидон бештар кӯдакон зери зарбаи равонӣ қарор мегиранд.

Тарафи мусбии кори тадқиқотии Сафарова З.Р. дар он аст, ки бо мақсади истифода бурдани методҳои тадқиқотии олимон вобаста ба вазифаҳои тадқиқоти онҳоро тарҷума ва қисман мутобиқ гардонидааст. Дар қисмати амалии кор натиҷагирӣ аз тадқиқот бо таҳлили оморӣ ва

коррелятсионӣ дар ҷадвалҳо ба назар мерасад, ки ин амал дар тадқиқотҳои психологӣ хос аст.

Арзишмандии татқиқоти мазкурро бо таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дар муқаддима дастгоҳи илмии татқиқот пайдарҳам ва дуруст пешниҳод карда шудааст;
- таслим гирифта шудааст, ки аз ҷамъи сифатҳои шахсияти кӯдакон аз оилаҳои нопурра: худбаҳодиҳии эмотсионалӣ, изтиробнокӣ, худбаҳодиҳии шахсӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии ӯ дар доираи муносибатҳои оилавӣ дар қиёс бо кӯдакон аз оилаҳои пурра мавриди татқиқ қарор гирад, ки онҳо дар ташаккулёбии шахсияти инсон нақши муҳим доранд;
- дар боби аввали рисола масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзӯи татқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ – татқиқотӣ ҷавобгӯй аст;
- муаллиф аз татқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст (саҳ 87-140);
- маълумоти оморӣ доир ба шумораи ақди никоҳ ва ҷудошавӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 2010- 2017, ки дар рисола пешниҳод карда шудааст, муҳимияти таҳқиқи мавзӯъ ва зарурияти бартарафкунии мушкилотҳои иҷтимоӣ – психологии кӯдаконро аз оилаҳои нопурра тасдиқ менамояд;
- методикаҳои интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои татқиқотӣ мувофиқат менамоянд. Натиҷагирӣ аз истифодаи методикаи татқиқотӣ дар ҷадвал, диаграмма ва расмҳо ифода ёфтаанд ва ҳамаи далелҳо ба таври оморӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд;
- таъсири одату анъанаҳои миллӣ дар таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти кӯдакони синни томактабӣ дар оилаҳои нопурра низ ҳамчун омили таъсиркунанда ба инкишофи психикии кӯдак ба ҳисоб гирифта шудааст;

- таҳлили назариявии масъала ва натиҷагирӣ аз таткиқоти амалӣ, ки онро қиёси муқоисавӣ бо кӯдакони дар оилаҳои нопурра тарбиягиранда низ ҳисобидан мумкин аст, дар хулоса иброз карда шудааст.

**2. Натиҷаҳои имии диссертатсия, ки ба талаботҳои бандҳои 10,11, 12, 14, 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.**

Диссертатсияи З. Р. Сафарова хусусияти эҷодкориро доро буда, фарогири баъзе проблемаҳои мукаммалсозии оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ мебошад. Натиҷагирӣ ва муқоисаи маводҳои оморӣ дар диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф соҳиби тафаккури илмӣ буда, маҳорати иҷрои амалҳои мураккаби фикриро дорост.

Диссертатсияи мазкур дорои натиҷаҳои навини илман асоснокгардида, доир ба таҳлили проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра мебошад, ки дарак аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия медиҳад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда оид ба проблемаҳои системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили оморӣ математикӣ ва коррелятсионӣ иборат аст, ки хоси тадқиқоти психологӣ мебошад.

3. **Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ.**

Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо, зерфаслҳо ва методҳои тадқиқотии мутобиқгардонидашуда инъикоси худро ёфтаанд. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зерфасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Матн 11 ҷадвал, 4 диаграмма ва 2 расмро дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро таҳқиқотҳои илмӣ – назариявии олимони хориҷию ватанӣ вобаста ба проблемаҳои назариявӣ ва амалии

системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра ташкил медиҳад. Вобаста ба проблемаҳои назариявӣ ва амалии тадқиқот масъалаи таъсири вайроншавии оила ба инкишофи психикӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдакон, инчунин проблемаҳои психологии кӯдакон дар оилаҳои нопурра аз тарафи М. Валентас, Л.М. Прокофева, Љ. В., Валлерштейн, Ҷ. Келли, И.Ф. Дементва, С.А. Королева, Б.А. Титов, Г. Фигдор мавриди тадқиқу баррасӣ қарор дода шудааст. Аз мӯҳақиқони ватанӣ бошад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи оила, муносибатҳои оилавӣ ва тарбияи кӯдакон дар оиларо Л.Т. Назархудоева, Л.С. Абилова, Ш. Шоисматуллоев, Б.А Насурова, Б. Маҷидова, Н.М. Юнусова, Л.С. Хидиралиева мавриди омӯзиш қарор додаанд. Муҳаққиқ Сафарова З.Р дар диссертатсияи худ проблемаҳои системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабиро дуруст таҳлил намуда, баъзе муаммоҳои ҷойдоштаро ошкор намудааст.

**4.Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуқтаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар диссертатсия байён гардидаанд.**

Мавзӯи«**Проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра**» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи диссертатсионӣ бори аввал мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст. Дар баробари омӯзиши диссертатсияи мазкур, ба хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаққиқ ба мақсадҳои гузоштааш ноил гардидааст. Нуқта ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, аз диди илмӣ навгонӣ эътироф карда шуда, метавонад аз тарафи кормандони муассисаҳои томактабӣ ҳангоми кор бо кӯдакон мусоидат кунад.

5. **Эродҳо оид ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд:

-Яке аз эродҳое, ки аз нигоҳи банда зарур, аст инъикос наёфтани таҳқиқотҳои олимони кишвар дар дисертасия.

- Хулосаи ҷамъбастии таҳқиқот ҳарчанд мушаххас аст, аммо ба тадқиқотҳои ҷаҳонӣ такя кардан ва дар баробари ин муқоисаи онро бо натиҷаи тадқиқотҳои ватани дар дисертатсия овардан яке аз ҳолатҳое мебошад, ки аз диссестант талаб карда мешавад.

- Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳрир ниёзманд аст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсир намерасонад ва арзиши илмии онро инкор намекунанд. Кори диссертатсионӣ кори анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

6. **Баҳои ягонаи дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои тадқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ**

Диссертатсия ягонагии дохилиро доро буда, методҳое, ки дар раванди тадқиқот истифода бурда шудаанд, сифати мусбии диссертатсияро ифода намуда, дар минбаъд тадқиқотҳои илмӣ вобаста ба объекти омӯзиш мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин маводҳои диссертатсияи мазкурро метавон ҳангоми таълимӣ фанни «Психологияи муносибатҳои оилавӣ» истифода бурд.

**7. Тасдиқи нашри нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.**

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷҳои тадқиқоти диссертатсионӣ интишор гардидаанд, дар худи диссертатсия, хулосаи он ва автореферат дарҷ гардидаанд.

**8. Мувофиқати автореферат ба мухтавои диссертатсия.**

Автореферат пура ба мухтавои диссертатсия мувофиқ буда, дар он натичаҳои асосие, ки дар бобҳо, зерфаслҳо ва зербандҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд.

**9. Мувофиқати диссертатсия ба талаботи тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва уновонҳои илмӣ (дотсент, профессор) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи муҳаққиқ Сафарова Заррина Раҷабовна ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва уновонҳои илмӣ (дотсент, профессор) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои пойдор нигоҳ доштани муносибатҳои оилавӣ ва пешгири намудани сади пошхурии оилаҳо аҳамият дорад. Диссертатсия ба ихтисоси 19.00.05.- Психологияи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ Ошимова Маҳбуба Машарифовна омода шуда, дар суратмаҷлиси кафедраи зикргардида муҳокима ва қабул гардидааст. Суратмаҷлиси №7 аз 26 феврали соли 2020.

**Мудири кафедраи педагогика**
**ва психология, номзади илмҳои**
**педагогӣ, дотсент** **Ошимова М.М.**

**Суроғаи муассисаи тақриздиҳанда:**
734063,ш.Душанбе,кучаи Мухаммадиева,17/6
**Телефон:** +992 8372320000(раб.);
+992 9152557900 (моб.)

**Имзои мудири кафедраи педагогика**
**ва психология, номзади илмҳои педагогӣ,**
**дотсент М.М. Ошимоваро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои**
**ДДЗТ ба номи С.Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш.**